# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

“29” 05 соли 2023 №117/од шаҳри Душанбе

*Дар бораи додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархатҳои 4, 9 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 4, 5, 6 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 3 (се) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикргардида, дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм дода шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории 3 адад дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсияи илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки барои дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан, ҷойгир намудани нусхаи фармоиши мазкур дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: дархости шуроҳои диссертатсионӣ ва қарори Раёсати Комиссия аз 25 майи соли 2023, № 6.

Раис Розиқзода А.

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» 05 соли 2023, № 117 ул

# Рӯйхати
## довталабоне, ки ба дараҷаи илмии доктори илм сазовор дониста шудаанд ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори илм дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори илм | Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии доктори илм ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст; дараҷаи илмӣ |
|---|---|---|
| 1. | Комилбек Амид Ёрбек | 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; доктори илмҳои сиёсӣ |
| 2. | Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ | 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон; доктори илмҳои иқтисодӣ |
| 3. | Шамсуллозода Шукрулло | 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон; доктори илмҳои иқтисодӣ |